*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

## Тақриз

***ба автореферати диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи: «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)***

Дар шароити муосир, хизматрасониҳои бонкӣ ба яке аз ҷанбаҳои муҳими тақвиятбахшандаи иқтисоди миллӣ табдил ёфта, ба муштариён доираи васеи имкониятҳои иқтисодиро фароҳам меорад. Вобаста ба оне, ки яке аз аъзоёни бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд маҳсуб меёбанд, пас пешқадамии онҳо дар ин бозор бараъло ба назар расида, мавқеи онҳо дар ташаккули он афзун гардида истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд илова бар имкониятҳои зикршуда, ҳамчунин воситаи муҳим дар самти коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ баромад менамояд. Дар ин хусус, мавзӯи таҳқиқот мубрам буда, натиҷаи он дар рушди бахшҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар заминаи муҳимеро эҷод менамояд.

Хулосаи таҳиягардидаи муаллиф вобаста ба хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд нисбат ба бонкҳо вобаста ба принсипҳо ва хусусиятҳои мушаххас фарқ менамоянд, қобили дастгирӣ мебошад. Аммо гузашта аз ин, маҳз ҷой доштани чунин хусусият ва принсипҳо мақоми ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, муайян ва диққати доираи васеи муштариёнро ба хизматрасониҳои марбута ҷалб намудааст.

Афтореферат бозгӯкунандаи таҳқиқоти фарохи муаллиф аст ва дар он паҳлуҳои назариявию амалӣ ва таҳлилии ҳолати рушди ташкилотҳои маблағгузории хурд баррасӣ шудаанд, ки аз пажӯҳиши ҳамаҷониба дарак медиҳад.

Бо омӯзиш ва баррасии автореферати пешниҳодшуда муайян гардид, ки дар самти татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот диссертант корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.

Вале дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферати мазкур баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд, ба мисли:

1. Дар автореферат расми 1 пурра шарҳи худро наёфтааст.
2. Ҳангоми таҳқиқот муаллиф дар баробари омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷа (ба мисли: ИМА, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии

Белорус, Ҷумҳурии Лаҳистон, Ҷумҳурии Гурҷистон ва ғайраҳо) ба таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя (аз қабили: Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва ғайраҳо) камтар диққат додааст.

Дар умум эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо баҳри беҳтар гардидани мавзӯи таҳқиқшаванда дар оянда метавонад мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Муқарриз:**
**н.и.и. и.в., дотсент мудири кафедраи**
**Молия ва қарз-и ДТТ** **Собирҷонов А.С.**

**Имзои Собирҷонов А.С..-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**коргузорӣ ва назорати ДТТ** **Абдуназаров А.Ҷ.**

**(Суроға: 734061, ш. Душанбе, хиёбони Н.Карабоева, 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Тел: (+992) 907-31-88-01,**

**E-mail: alisher.1986@rambler.ru**

**08.12.2025с.**